Эй гурӯҳи занон! Садақа бидиҳед, зеро ман шуморо бештари аҳли дӯзах дидам." Онҳо гуфтанд: Эй Расули Худо, ба чӣ сабаб? Фармуд: "Шумо бисёр лаънат мекунед ва (некиҳои) ҳамсарро носипосӣ менамоед. Ман ҳаргиз касеро надидаам, ки бо вуҷуди ноқисӣ дар ақл ва дин, дар рабудани ақли як марди ҳушёру дурандеш тавонотар аз шумо (занон) бошад

Аз Абусаъиди Худрӣ (разияллоҳу анҳу) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) дар рӯзи (иди) Қурбон ё Фитр ба намозгоҳ баромад. Аз назди занон гузашт ва гуфт: "Эй гурӯҳи занон! Садақа бидиҳед, зеро ман шуморо бештари аҳли дӯзах дидам." Онҳо гуфтанд: Эй Расули Худо, ба чӣ сабаб? Фармуд: "Шумо бисёр лаънат мекунед ва (некиҳои) ҳамсарро носипосӣ менамоед. Ман ҳаргиз касеро надидаам, ки бо вуҷуди ноқисӣ дар ақл ва дин, дар рабудани ақли як марди ҳушёру дурандеш тавонотар аз шумо (занон) бошад". Онҳо гуфтанд: Эй Расули Худо, нуқсони дин ва ақли мо дар чист? Фармуд: "Оё шаҳодати зан баробари нисфи шаҳодати мард нест?" Гуфтанд: Бале. Фармуд: "Ин аз камии ақли ӯст. Оё вақте ки ҳайз мешавад, на намоз мегузорад ва на рӯза мегирад?" Гуфтанд: Бале. Фармуд: "Ин аз камии дини ӯст."

[Саҳеҳ] [متفق عليه]

Паёмбари Худо (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) дар рӯзи ид ба намозгоҳ баромад. Пештар ба занон ваъда дода буд, ки онҳоро ҷудогона мавъиза мекунад, пас дар ҳамон рӯз ваъдаашро иҷро намуд ва фармуд: Эй гурӯҳи занон! Садақа диҳед ва зиёд истиғфор бигӯед, чун ин ду аз бузургтарин воситаҳои пок кардани гуноҳонанд. Зеро ман дар шаби Исро шуморо бештари аҳли дӯзах дидам. Яке аз онҳо, ки дорои ақлу фикру вақор буд, гуфт: Эй Расули Худо, чаро мо бештари аҳли дӯзах ҳастем? Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) фармуд: Ба сабаби чанд чиз: бисёр лаънат ва дашном мекунед ва дар ҳаққи шавҳар носипосӣ менамоед. Сипас онҳоро бо ин сухан тавсиф кард: Ман ҳаргиз касеро надидаам, ки бо вуҷуди ноқисӣ дар ақл ва дин, дар рабудани ақли як марди ҳушёру дурандеш тавонотар аз шумо (занон) бошад. Он зан гуфт: Эй Расули Худо, кам будани ақлу дини мо дар чист? Фармуд: Камии ақл дар он аст, ки шаҳодати ду зан ба шаҳодати як мард баробар аст, ҳамин ками дар ақл аст. Аммо ками дар дин, кам шудани амалҳои нек аст, зеро зан шабу рӯзҳое мешавад, ки аз сабаби ҳайз намоз намехонад, ва рӯзҳое аз моҳи Рамазонро ба сабаби ҳайз рӯза намегирад, ин камӣ дар дин аст. Бо вуҷуди ин, онҳо барои ин маломат намешаванд ва ҷазо

намегиранд, зеро ин аз табиати офаридаи онҳо мебошад. Чунон ки инсон ба таври фитрӣ молро дӯст медорад, дар корҳои худ шитобкор аст ва нодон... ва дигар хислатҳо. Аммо Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) ба ин ишора кард то мардумро аз фитна ва озмоиши занон ҳушдор диҳад.

http://sunnah.global/hadeeth/tg/show/10011